**№4940/12.5 аз 12.05.2016**

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**(тибқи рӯйхат)**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо мақсади назорати иҷроиши талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муоинаи хронометражӣ Барномаи СИА “Муоинаи хронометражӣ” (mh.andoz.tj) таҳия гардида, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки барои дастрас намудани рамз (парол) ҷиҳати истифодабарии барномаи мазкур нисбат ба шахсони масъули вобасташуда ба Кумитаи андоз дархост пешниҳод намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи маълумотҳо оид ба муоинаи хронометражии гузаронидашуда дар чормоҳаи аввали соли ҷорӣ ба Барномаи СИА “Муоинаи хронометражӣ” ҷиҳати ташкил намудани махзани маълумот ворид карда шавад ва аз санаи 20.05.2016 сар карда, амрнома, кортҳо ва санади муоинаи хронометражӣ тавассути барномаи зикршуда таҳия карда шавад.

Сардорони раёсатҳои андоз ва нозиротҳои андоз оид ба амалӣ гардидани талаботи мактуби супоришии мазкур бо кормандони худ ҷаласа гузаронида, тартиби дурусти истифодаи барномаро муҳокима ва баррасӣ намоянд.

**Р а и с** **Н. Давлатзода**